# Тақриз

ба рисолаи доктории Холназаров Руҳулло Муҳамадович дар мавзӯи “Таҳлили гендерӣ ва лингвистию миқдории номҳои ашхос” (дар асоси маводи антропонимҳои ноҳияи Лахш), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00 – филология (забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст.

Ном шиносномаи ҳар фард аст. Ба туфайли ном шахс аз шахси дигар, мард аз зан ҷудо карда мешавад. Ном ифодакунандаи урфу одат, муҳити зист, ҳодисаҳои таърихию иҷтимоӣ, ҳамҷаворӣ бо мардумони дигар ва муносибат ба дину мазҳаб мебошад. Аз ин ҷост, ки таваҷҷуҳи олимон ба таҳқиқи номҳои ашхос вақт ба вақт зиёд мешавад. Агар дар забоншиносии тоҷик дар ин самт О. Ғафуров бо силсилаи мақолаву тадқиқотии худ ибтидо гузошта бошад, пажӯҳишҳои Ш. Ҳайдаров доир ба антропонимҳои ноҳияи Ашт, Р. Шоев оид ба антропонимҳои “Самаки Айёр”, рисолаи М. Аюбова дар хусуси номҳои ашхоси ноҳияҳои Шаҳритусу Қубодиён ва ғайра номшиносиро ба бахши махсус табдил доданд. Вале дар тадқиқотҳои мазкур номҳо ба сурати умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз нигоҳи ҷинсият (гендерӣ) махсус аз назар гузаронидани ин мавзӯъ (агар мақолаҳои доктори илми филология О. Маҳмаҷоновро вобаста ба топонимҳо истисно кунем), то ҳол ба оянда мавқуф гузошта мешуд. Ба ин маънӣ, ба андешаи ман, интихоби мавзӯи рисолаи доктории Холназаров Р. М. “Таҳлили гендерӣ ва линғвистию миқдории номҳои ашхос” (дар асоси маводи антропонимҳои ноҳияи Лахш) саривақт ва мубрам мебошад. Муҳиммияти мавзӯъро боз бо он асоснок кардан мумкин аст, ки номҳои ашхоси ноҳияи Лахш дар шароити дузабонӣ ва ҳамзистии ду халқ – тоҷикон ва қирғизҳо ташаккул ва такомул ёфтааст ва аз ин рӯ табиист, ки дар номҳо анъанот ва хусусиятҳои забонии ин ду мардум нақш бастаанд.

Холназаров Р. баъди хатми муваффақиятноки курси магистратурӣ ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шомил шуда, мавзӯи тадқиқотиашро пеш аз мӯҳлат ба анҷом расонид.

Рисолаи Холназаров Р. аз муқаддима, се боб, феҳристи адабиёт ва иловаи мавод таркиб ёфтааст, ки ин ба нақшаи қаблан тасдиқшуда мувофиқат менамояд.

Дар муқаддима, ки саҳифаҳои 3-13-ро дар бар мегирад, мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, обзори мухтасари адабиёти алоқаманд, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот ва ғайра баён шудааст.

Номҳо чун қисматҳои таркиби луғат инъикоскунандаи осори гузашта, ҳозира ва ояндаи забон (лаҳҷа) мебошанд, ки ин мазмун мундариҷаи се боби

рисоларо дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар боби аввал, ки "Ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ" номида шудааст, номҳои ашхос аз нигоҳи қабатҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд ва таваҷҷуҳи унвонҷӯ асосан ба номҳои аслан тоҷикӣ ва намудҳои овоию маъноии онҳо дар давраҳои қадим, миёна ва ҳозира ҷалб гардидааст.

Боби дуюм – "Хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия" ба таҳлили инъикоси муносибатҳои дузабонӣ (тоҷикӣ - қирғизӣ) дар номҳо, таснифоти гендерӣ бахшида шудааст, ки ба назари ман, хонанда аз ин боб дар бораи муҳиту шароити зист ва ҳолатҳои моддию маишии мардуми ноҳия тасаввуроти дақиқ пайдо карда метавонад.

Дар бобои сеюм хусусиятҳои овоӣ (фонетикӣ) ва шаклии (морфологии) номҳои ашхос таҳлил гардидаанд. Унвонҷӯ дар талаффузи номҳо нақши муносибат ва ҳолатҳои дузабониро низ ҷустааст, ки ин мундариҷаи бобро боз ҳам комилтар гардонидааст.

Дар хулоса ба тариқи фишурда натиҷаи тадқиқот ҷамъбаст шудааст. Намунаи феҳристи номҳо, ки дар охири рисола илова гардидааст, хулосаҳо ва мушоҳидаҳои илмии муаллифро тасдиқ менамояд.

Ба ин тариқа, гуфта метавонам, ки мақсад ва вазифаҳое, ки унвонҷӯ дар тадқиқи мавзӯи интихобшуда гузоштааст, иҷро шудаанд. Қайдҳои ман дар ҳамкории дуҷониба, ки дар муддати се сол давом дошт, вақт ба вақт аз тарафи муаллиф ислоҳ ва ба назар гирифта шудаанд. Фақат ба тариқи илова гуфтаниам, ки дар муқаддима таҳлили адабиёте, ки бевосита ба мавзӯъ алоқаманд аст (рисолаҳои Ш. Ҳайдаров, Р. Шоев, М. Аюбова, О. Ғафуров), андаке такмил ёбад.

Рисолаи доктории Холназаров Руҳуллоро дар мавзӯи "Таҳлили гендерӣ ва лингвистию микдории номҳои ашхос" (дар асоси маводи антропонимҳои ноҳияи Лахш) дар маҷмӯъ тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои баррасӣ ба аъзоёни кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, ки унвонҷӯ муддати се сол докторанти ҳамин кафедра буд, пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илми филология, профессор Ҷӯраев Ғ.

Тасдиқ ...

17. 03.18